# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ): банди 1 Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо: банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ: тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои тарбия ва ташаккули ватандӯстии хонандагон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва психофизиологии онҳо иҷро карда шудааст. Таъмин намудани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, ки инсон чун муҳити иҷтимоии доимо инкишофёбанда ва тағйиру такмилёбанда ба дунё омада, чун шахсияти арзишманд ташаккул меёбад, худ муҳити таълиму тарбия аст, ки он дар илми муосир арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни ҷашну маросимҳо ҳамчун воситаи тарбиявӣ, махсусан дар заминаи ватандӯстӣ, муҳим арзёбӣ мегардад. Мувофиқи назари муҳаққиқон, ҷашну маросимҳо на танҳо воқеаҳои фарҳангӣ, балки механизмҳои иҷтимоие мебошанд, ки тавассути онҳо арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳои миллӣ аз насл ба насл интиқол дода мешаванд. Ҷашну маросимҳо имкониятҳои фароҳро барои ташаккули ҳисси ифтихор аз Ватан, эҳтиром ба таърих ва фарҳанги миллӣ фароҳам меоранд. Дар раванди иштирок дар ҷашнҳо, хонандагон бо қаҳрамониҳои гузаштагон, дастовардҳои миллӣ ва

рамзҳои давлатӣ ошно мешаванд, ки ин дар навбати худ, ба таҳкими ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунад.

Таъсири ҷашну маросимҳо ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, аз қабили гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ амалӣ карда мешавад. Ин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон дар бораи таърихи ҷашнҳо, мазмуни рамзӣ ва аҳамияти онҳо маълумот гиранд, инчунин дар раванди омодагӣ ва гузаронидани онҳо фаъолона иштирок намоянд.

Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккул ва камолоти минбаъдаи шахсияте нигаронида мешавад, ки ӯ бояд дорои сифатҳои худогоҳию худшиносӣ, шаҳрвандию ватанпарастӣ бошад, ки дар ҳамаи вазъиятҳо тавонад бо сифатҳои мардонагию ватандӯстӣ таҳдиди хавфу хатарҳо ба марзу буми Ватан, осудагию осоиштагии халқу давлати худро муҳофизат намояд, арзишҳои моддию маънавию ахлоқии гузаштагонро ҳимояву афзун намояд. Муҳаққиқ иҷрои чунин вазифаҳои мураккаб ва мубрамро ба ҳисоб гирифта, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагонро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Х.Раҳимзода, А.Нуров, Б.Маҷидова, Ш.А.Сафаров ва хориҷӣ .А Арутюнов, Ю.В. Бромлей, В.Д. Плахова, Суханов И.В., ки онҳо ба масъалаи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, омӯхта аз он чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст. Инчунин рафти кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба таҳлилу баррасии талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, ки дар онҳо иҷрои мақсаду вазифа, мазмуну муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ дар низоми таҳсилот ва барномавӣ-методӣ, ки мундариҷа ва мазмуни тарбияи ватандӯстӣ муайян карда шудаанд, ҳамчун заминаи методологӣ чун мутахассиси соҳаи мактабу маориф таҳлили маводи арзишманд пешкаш гардидаанд.

Дар заминаи муайянсозии ихтилофҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа ба нақша ва дастгоҳи илмии дар низоми таҳқиқот пайгирӣ карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия ва асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма,

методҳои назариявию амалии таҳқиқот, навгониҳо, аҳмияти назариявию амалии кор, инчунин ғояҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешкаш карда шудааст.

Мақсад таҳқиқот таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, вазифаҳо мувофиқ ба иҷрои мақсади таҳқиқот интихобу баррасӣ ва иҷро гардидаанд. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ мантиқан бо ҳам пайваст буда, дар фарзияи илмии коркарду пешниҳодгардида нақши ҷашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синну солию фардии наврасон ва ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таъкид менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро омӯзишу маводҳои назариявӣ, ки он имконияту неруи муҳити иҷтимоӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон аз ҳамкории волидону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ бармеояд, ташкил намудааст. Таҳлили асноди қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки ғояҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, педагогиро оид ба ҳувияти миллӣ ва равияи ватандӯстӣ дар мафкураи илмӣ муайян гардидааст, ташкил намудаанд. Инчунин ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки вобаста ба пешрафти ҷомеа тағйиру такмил меёбанд ва таҳқиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ, ки нақши арзишҳои маънавиро дар тарбияи ватандӯстии шахсият таҳқиқу баррасӣ кардаанд, аз тарафи муҳаққиқ чун асоси методологии таҳқиқот интихоб ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- ҳамаҷониба қонуниятҳои таърихию педагогии рушди фаъолияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногун ҳамчун раванди мураккаби динамикӣ аниқ карда шуд;

- маводҳои таърихӣ-педагогӣ ва бадеӣ-педагогӣ, этнографӣ, этнологӣ, ки ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ва ташаккули шахсияти хонандагонро фаро нагирифта буд ё ба қадри кофӣ омӯхта нашуда буд, мавриди таҳлил қарор дода шуд;

- аҳамияти таърихии инкишоф ва интиқоли ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян карда шуд;

- имконоти гуногуни истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ дар низоми ягонаи таҳсилот ошкор карда шудаанд;

- вазъи истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии омӯзгорон таҳлил карда шуд;

- роҳҳои истифодаи оқилонаи унсурҳои миллӣ ва умумибашарии педагогикаи халқӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо, падидаҳои нави иҷтимоию педагогии ҷомеа муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти** мазкур аз илман асоснок намудани тарбияи ватандӯстии хонандагон тибқи назарияи илмӣ-педагогӣ ва татбиқ намудани мероси чандинасраи халқи тоҷик дар шакли ҷашну маросимҳо; ошкор намудани нақши ҷашну маросими миллӣ дар назария ва амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон; ҳангоми инъикоси ҷашну маросими миллӣ, ба назар гирифтани рафтор, ҳиссиёт ва таасуроти хонандагон; хангоми баррасии усулу воситаҳои анъанавии тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифтани давраҳои гуногуни инкишофи шахсият, махсусан хусусиятҳои хонандагони синфҳои 9-11 муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; асоснок намудани моҳияти ҷашну маросимҳое, ки дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст ва муайян намудани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо; инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ ва такмил додани амалияи таъсири байниҳамдигарии мактабу ҷомеа иборат мебошад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи он дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба манбаҳои таърихӣ-адабӣ ва илмӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар асоси ба назар гирифтани осори мутафаккирони форсу тоҷик дар низоми муосири тарбия, гузаронидани озмоишҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои пажуҳиш эътимотнокии таҳқиқоти мазкурро муқаррар мекунад, ифода гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, иборат аст аз:**

- таҳлили амиқи маводҳои илмӣ, сарчашмаҳои илмӣ, баррасиву шарҳу тафсири маълумотҳои дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилгардида;

- муайянсозии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар низоми муосири тарбия ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи ин арзишҳои миллӣ;

- муайян намудани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи ҷашну маросими миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас;

- санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда, интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ ва дар семинару конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ бо маъруза баромад кардан.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони иҷтимоӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар ду боб ва 4 зербобҳо ифода ёфтаанд ва бо иловаи муқаддима 180 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, 164 номгӯи адабиёти истифодашуда бо 6 ҷадвал, 15 тасвир ва 4 замима он ба расмият даровардa шудааст.

**Боби якум** «Ҳадафмандии ҷашну маросими халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. **Дар зербоби якум** «Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Сайдамадзода Ҳусноро дар ҷараёни таҳқиқот муайян намудааст, ки ҳувияти миллӣ тавассути рамзу нишонаҳои миллӣ, такя кардан ба собиқаи таърихию фарҳангӣ зуҳур меёбад. Ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, бо тағйири

сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро пасисар карда, то ба имрӯз расидаанд. Муносибат ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан ҷашну маросими миллӣ имкон медиҳад, ки нақш, мақсад ва вазифаи онҳоро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа дарк намуда, дар кори тарбиявӣ дуруст истифода бурда шавад. Яъне бо назардошти анъана ва ҷашну маросимҳо, чи тавр ба одамон муносибат кардан, чи тавр одоби муоширатро риоя намудан, ҳамаи ин арзиши тарбиявии онро ташкил медиҳад.

**Дар зербоби дуюм** «Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ» ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки арзиш он чизест, ки инсонро нексиришт гардонида, аз ифлосӣ пок мекунад, ба роҳи рост ҳидоят карда, ба ақлу хирад даъват мекунад, ба зарурати омӯхтан ва андӯхтани дониш даъват мекунад, то ин ки дар оянда асарҳои бисёр хубу олии бадеӣ эҷод карда шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Зарурати мутобиқсозии ҷашну маросими халқи тоҷик дар низоми тарбия ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» буда, аз ду зербоб иборат аст. **Дар зербоби аввал** ба масъалаи «Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон» мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, муаллиф андешаҳои ҷолибе баён намудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҷашнҳои дунявӣ сарнавишти якхела доштанд. Дар замонҳои гуногун ва дар аҳди ҳокимони гуногун ҷашнҳои мазкур аз тарафи равияҳои динию мазҳабӣ ва идеологӣ таъқиб шуда, мамнуъ эълон мегардиданд. Вале ин ҷашнҳо дар хотири халқ нақш баста, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо амал мекард. Хоҳиши ҳаёти рангину зебо бахту саодат, ки дар мазмуну мундариҷаи ин ҷашнҳо маҳфуз буд, тамоман аз байн нарафт.

Илми педагогика аллакай бартарияти анъана ва ҷашну маросими миллиро дар тарбияи ватандӯстӣ ва камолоти насли наврас собит сохтааст. Ин бартарият дар гуногунии алоқаи мутақобила, муттасилияти доираҳои арзишҳои миллӣ, ки дар ҷомеа идрок карда мешаванд, инъикос меёбад.

**Зербоби дуюми боби дуюм** «Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну

маросими миллӣ» ном дошта, муаллиф бо истифода аз озмоишҳо технологияи амалисозии ҷашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз натиҷаи озмоиш маълум гардидааст, ки новобаста аз сатҳи донишҳои хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои дар озмоиш иштирокдошта, оид ба арзишҳои миллӣ, махсусан ҷашну маросимҳои миллӣ дар тӯли ҳаёт барои такмили минбаъдаи чунин донишҳо талабот пайдо мекунанд. Чунки дар зери таъсири таҳаввулоти ҷомеа ҳаёти онҳо тағйирпазир гардида, раванди дарки моҳияти арзишҳо аз ҷониби аъзои нави ҷомеа дигаргун мешавад ва вобаста ба зарурати он тафсири мундариҷаи арзишҳои мавҷудаву нав ба миён меояд.

Муҳақиқ исбот намудааст, ки одамон дар тарбияи ахлоқӣ аз нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ васеъ истифода мебаранд. Аз нуктаи назари педагогӣ-психологӣ, ҷашнҳои анъанавии оилавӣ, ки маҷмӯи амалҳои аъзои оила (хешовандони наздик, дӯстони онҳо) мебошанд, аксар вақт ба ягон ҳодисаи оилавӣ ё хусусиятҳои шахсӣ ё саннаҳои тақвимӣ мувофиқат мекунанд. Кӯдакон, ки дар ҷашнҳои ҷамъиятӣ ва оилавӣ фаъолона иштирок менамоянд, бо арзишҳои миллӣ-маънавӣ ошно шуда, таҷрибаи иҷтимоиро касб мекунанд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои пешрафти назария ва амалияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро имконият медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 номгӯй ва маҷмуаи мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 3 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба

моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Бисёр ба маврид ва саривақтӣ мебуд агар дар замима намунаи нақша-чорабиниҳои беҳтарини омӯзгорони соҳибтаҷриба, барномаи намунавии чорабиниҳо роҷеъ ба тарбияи ватандӯстии наврасон илова карда мешуд.

2. Агар муҳаққиқ шаклҳои корҳои беруназсинфиро оид ба тарбияи ватандӯстии наврасон дар зербоби алоҳида таҳлилу баррасӣ менамуд ва ба он ворид намудани арзишҳои миллӣ ва умумибашариро тавсия мекард, азриши илмии кори диссертатсионӣ боз зиёдтар мегардид.

3. На дар ҳамаи саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он иҷрои қоидаҳои имло риоя карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида сатҳ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобар ин диссертатсия ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад. Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талаботҳо ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои

байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сайдамадзода Ҳусноро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фароғатӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов Разоқов Хуршед Соҳибназарович

25.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734026. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Лучоб 53;
Тел: 004042151. E - mail: razokovhursed304@gmail.com

Имзои Разоқов Хуршед Соҳибназаровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов Мирзоев О.У.

ШУЪБАИ КАДРҲО